## Замимаи 1

# Муҳтавои модулҳои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон оид ба Саводнокии Иттилоотӣ

## Модули 1. Захираҳои иттилоотии ҷомеа ва Саводнокии Иттилоотӣ

*Мавзӯи 1.1. Муқаддима. Иттилоотонии ҷомеа ва саводнокии иттилоотӣ*

Мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои курсҳои такмили ихтисоси муаллимон. Ҷойгоҳи курс дар системаи таълими муттасили педагогӣ ва ташаккули салоҳияти касбии омӯзгор. Ҳаҷм, сохтор ва хусусиятҳои фарқкунандаи курс. Шароити азхудкунии бомуваффақияти курс ва нақши кори мустақилона. Адабиёти тавсияшуда.

Афзоишёбии аҳамияти иҷтимоии иттилоот дар ҳаёти ҷомеаи муосир. Иттилоотонӣ ҳамчун раванди мураккаби иҷтимоӣ-техникӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ. Иттилоотонӣ (маълумотдиҳӣ) ва ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ. Меъёрҳои ҷомеаи иттилоотӣ. Нақши бартаридоштаи таълим, дониш ва иттилоот дар ҷомеаи иттилоотӣ. Ҷанбаҳои гуманитарии маълумотдиҳӣ. Моҳият, ҳаҷм ва мундариҷаи мафҳуми саводнокии иттилоотӣ, ҷойгоҳи он дар сохтори умумии шахсият.

Омилҳои муайянкунандаи нақши саводи иттилоотӣ дар фаъолияти касбии омӯзгор. Унсурҳои сохтории саводнокии иттилоотии омӯзгор: донишҳои махсус, қобилият, малака. Меъёрҳо ва сатҳи саводнокии иттилоотӣ. Нақши муаллим дар ташаккули саводнокии иттилоотии донишҷӯён.

*Мавзӯи 1.2. Захираҳои иттилоотӣ дар соҳаи маориф ва педагогика*

Ҷараёни ибтидоии ҳуҷҷатҳо (маълумот) ҳамчун қисми таркибии захираҳои иттилоотии ҷомеа. Маълумоти нашршуда ва чопнашуда. Сохтори намудии ҷараёни маълумот (ҳуҷҷатҳо). Намудҳои (таснифи) ҳуҷҷатҳое, ки ҷараёни муосирро ташкил медиҳанд. Хусусиятҳои сохтори мавзӯӣ ва типологӣ-намудии ҷараёни ҳуҷҷатҳо оид ба педагогика ва маориф. Ҷараёни ибтидоии маълумот барои кӯдакон ва ҷавонон (илмӣ ва омузишӣ, бадеӣ, адабиёти истинодӣ ва ғ.).

Қонунияти таҳия ва фаъолияти ҷараёни маълумот оид ба педагогика ва маориф: динамикаи рушд, кухнашавӣ ва актуализатсия, парокандагӣ ва таҷаммӯи матлабҳо.

Истифодаи донишҳо оид ба қонуниятҳои фаъолияти ҷараёни муосири маълумот дар намудҳои фаъолияти таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавӣ-эксперименталӣ, ташкилӣ-идоракунӣ ва дигар намудҳои фаъолияти касбии омӯзгор.

Мафҳуми ҷараёни маълумоти дуюмдараҷа дар натиҷаи коркарди таҳлилӣ ва синтетикии захираҳои иттилоотӣ.

*Мавзӯи 1.3. Низоми иттилооти илмӣ-педагогӣ: марказҳо ва шабакаҳо, ташкили хадамоти иттилоотӣ барои омӯзгорон*

Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ва маориф, ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳои бунёдӣ ва сохтор.

Ҷойгоҳи китобхонаҳо дар сохтори ташкили саводнокии иттилоотии омӯзгорон. Нақши Китобхонаи миллӣ дар маълумотдиҳии омӯзгорон. Шакл ва намудҳои китобхонаҳое, ки ба муаллимон маҳсулоти иттилоотӣ ва хидматрасониҳо пешниҳод мекунад.

Марказҳои иттилоотӣ ва методӣ дар назди мақомоти маориф дар низоми таъминоти иттилоотии омӯзгорон. Марказҳо ва шабакаҳои байналмилалӣ барои маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои педагогӣ.

## Модули 2. Навъҳои асосии масъалаҳои иттилоотӣ-ҷустуҷӯӣ ва алгоритмҳои ҳалли онҳо

*Мавзӯи 2.1. Намудҳои дархостҳои иттилоотӣ ва алгоритмҳои иҷрои онҳо*

Дархостҳои иттилоотӣ ва талабот. Таснифи дархостҳои иттилоотӣ. Мушкилоти ба таври кофӣ инъикос кардани ниёзҳои иттилоотӣ дар тарзи баёни дархост. Вобастагии миёни намудҳои асосии фаъолияти касбии омӯзгор ва намудҳои дархостҳои иттилоотӣ.

Намудҳои асосии вазифаҳои ҷустуҷӯӣ-иттилоотӣ: суроғавӣ, фактографӣ, ҷустуҷӯи иттилооти мавзуӣ ва ҷустуҷӯи маълумот тавассути дархостҳои таҳлилӣ. Алгоритмҳои ҷустуҷӯ. Захираҳое, ки навъи муайяни дархости иттилоотиро амалӣ мекунанд.

Сабабҳои натиҷаҳои қонеънакунанда ҳангоми ҷустуҷӯи маълумот ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо. Стратегияи ҷустуҷӯ ва усулҳои тасҳеҳи матни дархостшудаи иттилоотӣ бо мақсади ба даст овардани иттилооти комил ва дуруст.

*Мавзӯи 2.2. Китобхона ҳамчун низоми ҷустуҷӯи иттилоот*

Сохтори ташкилию функсионалии китобхона ҳамчун системаи ҷустуҷӯи иттилоотӣ аз нигоҳи корбар.

Дастгоҳи маълумотдиҳӣ ва библиографии китобхона: сохтор, мақсад, вазифаҳо. Таркиби фонди маълумотдиҳӣ-библиографии китобхона: нашрияҳои маълумотӣ, нашрияҳои иттилоотӣ ва дастурҳои библиографӣ.

Феҳристи китобхона ва системаи каталогҳо. Хусусиятҳои дастгоҳи маълумотномавӣ- библиографии намудҳои гуногуни китобхонаҳо.

Хадамоти иттилоотӣ. Маҳсулоти иттилоотӣ-китобхонаӣ ва хидматҳое, ки китобхонаҳо барои муаллимон пешниҳод мекунанд.

*Мавзӯи 2.3. Технологияҳои иттилоотии худхизматрасонӣ дар китобхона*

Алгоритми рафтори корбар: дарки ҳадафи мушаххаси муроҷиат ба китобхона; таҳияи дақиқи дархости иттилоотӣ; муайян кардани сарчашмаҳои зарурии иттилоот

бо истифодаи дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ; таърифи воҳиди сохтории китобхона, ки дар он метавон маълумоти заруриро дастрас кард.

Дастгоҳи маълумотдиҳӣ ва библиографӣ – асос барои иҷрои дархостҳои гуногуни корбарон мебошад. Хусусиятҳои дархостҳои иттилоотии муаллимон. Алоқа байни намуди дархости иттилоотӣ ва манбаи ҷустуҷӯ.

Технологияи ҷустуҷӯи иттилоот дар дастгоҳи маълумотӣ-библиографии китобхона дар режими худхизматрасонии иттилоотӣ. Алгоритмҳои ҷустуҷӯ барои навъҳои ҷудогонаи ҳуҷҷатҳо (маълумот): китобҳо, мақолаҳо, маводҳои қонунгузорӣ, нашрияҳои даврӣ ва давомдор, нотаҳо, харитаҳо, тақризҳо, ҳуҷҷатҳои аудиовизуалӣ ва ғайра.

## Модули 3. Усулҳои коркарди таҳлилӣ-синтетикии иттилоот дар фаъолияти омӯзгор

*Мавзӯи 3.1. Коркарди таҳлилӣ-синтетикии иттилоот: моҳият, мақсад, намудҳо*

Мафҳуми тағйирпазирӣ ва коркарди аналитикӣ-синтетикии иттилоот. Таҳлил ва синтези иттилоот дар сохтори кори зеҳнӣ бо матни ҳуҷҷатҳо. Мақсади коркарди иттилооти аналитикӣ-синтетикӣ.

Намудҳои коркарди таҳлилӣ ва синтетикии ҳуҷҷатҳо: тартиб додани тавсифи библиографӣ, индексатсия (ҷудо кардани калимаҳои калидӣ), эзоҳ, шакли мӯъҷази он, таҳияи шарҳҳо.

Ҳуҷҷати (маълумоти) дараҷаи дуюм ҳамчун натиҷаи коркарди иттилооти таҳлилӣ ва синтетикӣ. Намудҳои ҳуҷҷатҳои дараҷаи дуюм.

*Мавзӯи 3.2. Адабиёти таълимӣ ҳамчун объекти коркарди таҳлилӣ ва синтетикӣ*

Хусусияти адабиёти таълимӣ ва талабот ба он. Намудҳои адабиёти таълимӣ. Сохти таркибӣ ва маъноии матни таълимӣ ва таъсири он ба фаҳмиш ва азхудкунии дониш дар раванди таълим. Унсурҳои дониши таълимӣ дар сохтори матнҳои таълимӣ. Таърифи мафҳумҳо. Қоидаҳои сохтани таъриф. Мулоҳиза ва намудҳои он: шарҳ, хулоса, исбот.

Хусусиятҳо, хабар, тавсиф ва нақл ҳамчун роҳҳои баёни маводи таълимӣ, монандӣ ва фарқияти онҳо, шартҳои истифода аз онҳо.

Нақши дастгоҳи маълумотдиҳӣ ҳамчун воситаи тавҷеҳ дар китоби таълимӣ. Дастгоҳ барои ташкили азхудкунии дониш дар сохтори нашрияи таълимӣ: таркиб ва ҳадаф.

*Мавзӯи 3.3. Адабиёти илмӣ ҳамчун объекти коркарди таҳлилӣ ва синтетикӣ*

Ҷойгоҳи адабиёти илмӣ дар ташаккули сифатҳои касбии омӯзгор. Типологияи ҳуҷҷатҳои илмӣ ва робитаи онҳо бо марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ. Сохтор ва ҳадафи дастгоҳи маълумотдиҳии нашрияҳои илмӣ, раванди тағйирпазирии иттилоот.

Сохти мантиқӣ ва забонии матнҳои илмӣ. Намудҳои иттилоот дар матни ҳуҷҷати илмӣ: фактографӣ, консептографӣ, маълумоти библиографӣ ва метаинформатсия (маълумот оид ба тарзи коркарди иттилоот).

Хусусиятҳои забонӣ ва услубии ҳуҷҷатҳои илмӣ. Сохтори мантиқии матни ҳуҷҷати илмӣ. Мафҳуми блокҳои (бахшҳои) семантикӣ (муқаддима, қисми асосӣ, хулоса) ва ҷанбаҳои мундариҷаи ҷузъҳои онҳо. Рӯйхати универсалии ҷанбаҳои мундариҷаи ҳуҷҷати илмӣ.

Аломатҳои расмии матн ҳамчун нишонаи дараҷаи баланди стандартикунонии матнҳои илмӣ. Намудҳои расмии хусусиятҳои матнӣ: маркерҳо, индикаторҳо, унсурҳои пайвасткунандаи маълумот.

*Мавзӯи 3.4. Усулҳои оқилонаи кори зеҳнӣ бо матнҳои ҳуҷҷатӣ*

Талаботи умумӣ ба ҳама намудҳои тағйирпазирии ҳаҷми иттилоот, ки дар рафти кори зеҳнӣ бо ҳуҷҷатҳо амалӣ карда мешаванд.

Қоидаҳои мантиқӣ, ки сифати нақшасозиро муайян мекунанд. Қоидаҳои овардани истинод ва иқтибос. Талабот барои таҳияи тезисҳо.

Реферат: мақсад, намудҳо, сохтор. Резюме ҳамчун варианти матни реферат.Аннотатсия (эзоҳи мухтасари ҳуҷҷат, асар, китоб): мақсад, намудҳо, сохтор, фарқ аз реферат. Конспектнависӣ ва намудҳои он. Талаботи асосӣ барои конспект. Намудҳои конспектҳо.

Таҳлили муқоисавии шаклҳои гуногуни тағйирпазирии ҳаҷми иттилоот, мақсад ва вазифаҳои онҳо дар фаъолияти таълимӣ, тадқиқотӣ-илмӣ, ташкили худомӯзии муаллим.

Мушкилоти таълими мактаббачагон ба усулҳои кори оқилона бо матнҳо. Блок-схемаҳои мантиқии татбиқи намудҳои асосии тағйирпазирии ҳаҷми иттилоот, ки дар марҳилаҳои гуногуни таълим истифода мешаванд.

*Мавзӯи 3.5. Усули расмишудаи коркарди аналитикӣ ва синтетикии иттилоот*

Таърифи мафҳумҳои расмигардонӣ, таҳлили расмишудаи матн. Зарурати татбиқи усулҳои ба расмият даровардашудаи тағйирпазирии ҳаҷми иттилоот. Усулҳои таҳлили расмишудаи ҳуҷҷатҳои илмӣ: моҳият, ҳадафҳо, вазифаҳо ва шароити татбиқ. Шинохти (эътирофи) ҷанбаҳои мундариҷаи ҳуҷҷатҳои илмӣ бо кӯмаки аломатҳои расмишудаи матн.

Усули омодасозии расмии реферат-экстракт (дайджест). Сохти реферат-экстракт ва қоидаҳои мураттаб кардани он. Методологияи таҳияи расмишудаи аннотатсияҳо (маълумотномавӣ, тавсиявӣ, таблиғотӣ), тақризҳо, баррасӣ ва нақди китобҳо ва ғ. Афзалиятҳо ва нуқсонҳо, майдони истифода ва маҳдудиятҳо дар истифодаи усулҳои расмишудаии тағйирпазирии ҳаҷми иттилоот.

## Модули 4. Технологияҳои иттилоотии нав дар низоми таҳсилот (Маориф)

*Мавзӯи 4.1. Технологияҳои нави иттилоотӣ ҳамчун омили рушди иҷтимоӣ*

Мафҳумҳои «технологияҳои иттилоотӣ ва «технологияҳои нави иттилоотӣ». Марҳилаҳои рушди технологияҳои иттилоотӣ. Технологияҳои иттилоотӣ: принсипҳо, хусусиятҳои фарққунанда, афзорҳо. Компютери фардӣ ва системаи телекоммуникатсионӣ ҳамчун асоси технологияҳои нави иттилоотӣ. Нақши технологияҳои иттилоотӣ дар ҷомеаи муосир. Таъсири технологияҳои иттилоотӣ барои рушди илм, техника, саводнокӣ, таълим ва истироҳат. Саноати иттилоотӣ ва нақши он дар рушди технологияҳои ояндадори иттилоотӣ ва иттилоотикунонии маориф (таҳсилот).

Татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ дар соҳаи таълим ва тарбия: ташкили раванди таълим, инфиродикунонии таълим, омодасозии таъминоти иттилоотӣ ва методии фанҳои таълимӣ. Оқибатҳои иҷтимоию фарҳангии ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ.

*Мавзӯи 4.2. Захираҳои иттилоотии автоматиконидашуда дар соҳаи таълим*

Тасаввурот дар бораи захираҳои иттилоотии автоматиконидашуда, хусусиятҳои фарққунанда ва таснифоти онҳо. Тасаввурот дар бораи махзанҳо ва бонкҳои маълумоти электронӣ (ки тавасути таҷҳизот-мошин хонда мешаванд), намудҳо ва ҷойгоҳи онҳо дар сохтори захираҳои автоматикунонидашудаи миллӣ, хориҷӣ ва байналмилалӣ.

Ҳуҷҷатҳои электронӣ ҳамчун усули нави пешниҳоди маълумоти таълимӣ. Намудҳои ҳуҷҷатҳои электронии таълимӣ ва илмӣ. Мафҳуми гиперматн (абарматн). Истифодаи системаҳои гиперматнӣ дар таълим.

Моҳияти мафҳумҳои медиатизатсия, мултимедия (расонапазирӣ ва чандрасонаӣ)

Медиатсия ва афзоиши дастрасии иттилоот барои шахсиятҳо ва ҷомеа. Маҳсулоти мултимедиявӣ: намудҳо, мақсад, хусусиятҳо, истифода дар фаъолияти таълимӣ.

Низомҳои зеҳнӣ (интеллектуалӣ) ҳамчун роҳи татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ. Намудҳои низомҳои интеллектуалии иттилоотӣ: фактографӣ, коршиносӣ, ташхисӣ, омӯзишӣ, пешгӯикунанда, системаҳои шинохти образҳо.

Талабот барои ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ дар раванди таълими муассисаҳои таълимӣ.

*Мавзӯи 4.3. Махзани маълумот ҳамчун асоси хизматрасониҳои иттилоотии муосир*

Маълумоти ватанӣ ва хориҷӣ ва бонкҳои маълумот дар соҳаи маориф ва илмҳои педагогӣ. Технологияи омодасозии дархостҳои иттилоотӣ барои ворид кардан ба системаҳои иттилоотии автоматӣ.

Стратегияи ҷустуҷӯи иттилоот дар махзани маълумоти электронӣ (хониши мошиннавис). Ислоҳи тарзи баёни дархост ва стратегияи ҷустуҷӯ тибқи натиҷаҳои системаи автоматикунонидашуда. Ташкили дастрасии телекоммуникатсионӣ ба махзани маълумот. Самтҳои истифодаи махзани маълумот дар соҳаи таълим.

*Мавзӯи 4.4. Шабакаҳои компютерӣ ҳамчун воситаи интиқоли иттилоот ва таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотии миллӣ ва ҷаҳонӣ*

Мақсад, принсипҳои сохтан ва таснифи шабакаҳои компютерӣ. Мафҳуми шабакаҳои компютерии маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ (глобалӣ). Ҷойгоҳи онҳо дар соҳаи таълим. Ташкили дастрасии телекоммуникатсионӣ ба махзани маълумот.

Шабакаи ҷаҳонии компютери Internet. Консепсияи сохтор ва хидматрасониҳои Internet. Хусусиятҳои хидматрасониҳои Internet барои интиқоли иттилоот (почтаи электронӣ, телеконференсияҳо, интиқоли файлҳо, рӯйхати почта). Системаҳои асосии дастрасӣ ба захираҳои Internet, технологияи World Wide Web (WWW).

Истифодаи захираҳои иттилоотӣ ва хидматрасониҳои Internet дар муассисаҳои таълимӣ.

*Мавзӯи 4.5. Маълумот дар бораи таҳсилоти фосилавӣ*

Мафҳумҳои таълими фосилавӣ, таҳсилоти фосилавӣ, мақсад, вазифа, нақши онҳо. Хусусиятҳои таълими фосилавӣ. Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ. Сохтори системаи таҳсилоти фосилавӣ. Талабот ба ташкили таълими фосилавӣ.

Технологияи таълими фосилавӣ. Таркиби таъминоти таълимию методӣ барои таълими фосилавӣ. Истифодаи маҳсулоти нави технологияҳои иттилоотӣ дар системаи таҳсилоти фосилавӣ. Таъминоти барномавӣ, техникӣ ва ташкилии таълими фосилавӣ. Усулҳои мубодилаи иттилоот дар системаи таҳсилоти фосилавӣ.

## Модули 5. Технологияи таҳия ва бақайдгирии натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ – методӣ ва илмӣ – тадқиқотии омӯзгорон

*Мавзӯи 5.1. Принсипҳо ва усулҳои сохтани матнҳои таълимӣ*

Мафҳумҳои маълумоти омӯзишӣ, маводи таълимӣ, матни таълимӣ. Талабот ба матни таълимӣ. Вазифаҳои матни таълимӣ. Намудҳои матнҳои таълимӣ: назариявӣ-маърифатӣ ва афзорӣ-амалӣ, асосӣ ва иловагӣ. Принсипҳои сохтани матнҳои таълимӣ. Марҳилаҳо ва технологияи омодасозии матнҳои таълимӣ. Сохтори мантиқӣ-маъноии матнҳои таълимӣ.

Матнҳои таълимӣ ва мушкилоти омӯзиши фаъол. Саволҳо дар сохтори матни таълимӣ: намудҳо, мақсад, нақш дар такмили таълим. Қоидаҳои тартиб ва шаклдиҳии саволҳо.

Таҳлили омилҳои мантиқӣ ва психологие, ки дарки матни таълимиро душвор мегардонанд.

Оптимизатсияи (интихоби гузинаи беҳтарин) ҳаҷм ва сохтори маводи таълимӣ.

*Мавзӯи 5.2. Технологияи омодасозии барномаи таълимӣ*

Сабабҳое, ки зарурати таҳияи барномаҳои таълимиро ба миён меоранд. Барномаи таълимӣ ҳамчун ҳуҷҷати меъёрие, ки ҳадафҳо, вазифаҳо, мундариҷаи илмии фан ва тартиби омӯхтани онро муайян мекунад. Талабот ба барномаҳои таълимӣ.

Марҳилаҳои таҳия ва технологияи омодасозии барномаи таълимӣ. Принсипҳои интихоби мундариҷа ҳангоми таҳияи барномаи таълимӣ. Таҳлили дидактикии сохтори мантиқии маводи таълимӣ, ки ба барномаи курс дохил карда шудааст.

Сохтори барномаи таълимӣ: муқова, саҳифаи унвонӣ, мундариҷа, муқаддима, нақшаи мавзӯъ, мундариҷаи фанни таълимӣ (матни барнома), рӯйхати адабиёти тавсияшуда, рӯйхати калимаҳои калидӣ. Қоидаҳои тарҳрезии барномаи таълимӣ.

*Мавзӯи 5.3. Технологияи таҳияи дастурҳои методӣ оид ба омӯзиши фанни таълимӣ*

Тавсияҳои методӣ оид ба омӯзиши фанни таълимӣ ҳамчун як намуди адабиёти таълимию методӣ: моҳият, ҳадаф, вазифаҳо.

Марҳилаҳои таҳия ва технологияи омодасозии тавсияҳои методӣ. Сохтори тавсияҳои методӣ: муқова, саҳифаи унвонӣ, мундариҷа, муқаддима, тавсияҳои умумии методӣ оид ба омӯзиши маводи назариявии курс, маводи методӣ барои амалисозии мустақилонаи супоришҳои амалӣ (хонагӣ), рӯйхати адабиёти тавсияшаванда, рӯйхати калимаҳои калидӣ, саволҳо барои омодагӣ ба имтиҳонҳо. Қоидаҳои тайёр кардани тавсияҳои методӣ.

*Мавзӯи 5.4. Принсипҳо ва усулҳои сохтани матнҳои илмӣ*

Марҳилаҳо ва технологияи сохтани ҳуҷҷати илмӣ. Табиати универсалии сохтори матнҳои илмӣ; қисмҳои муқаддимавӣ, асосӣ ва хулоса. Сохтори қисми муқаддимавии матолиби илмӣ.

Усулҳои сохтани қисми асосии матни илмӣ: исбот, шарҳ, тафсир, тасдиқ, раддия ва ғ.

Сохтани қисми асосӣ аз рӯи принсипҳо ва меъёрҳои муколама. Тартиб додани иқтибосҳои аз ҷониби муаллифи матлаби илмӣ истифодашуда ҳамчун меъёри саводнокии иттилоотӣ. Усулҳои ворид кардани иқтибосҳо ба матни ҳуҷҷати илмӣ. Намудҳои пайвандҳои библиографӣ. Принсипҳои сохтани қисми асосӣ: хронологӣ, тавсифӣ, ҷанбаӣ, таҳлилӣ.

Сохтори хулоса.

Рӯйхати адабиёти истифодашуда: принсипҳо ва қоидаҳои бунёд кардан ва тартиб додани онҳо. Истифодаи аломатҳои матнии расмӣ барои ноил шудан ба пайдарпайӣ ва баёни мантиқӣ. Усулҳои асосии таҳрири матнҳои илмӣ. Луғатҳо ва маълумотномаҳо ҳамчун кӯмак дар кори матни илмӣ.

*Мавзӯи 5.5. Технологияи таҳияи мақолаи илмӣ, нақду баррасӣ, тақризҳо*

Мақолаи илмӣ ҳамчун натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ. Таснифи мақолаҳои илмӣ.

Марҳилаҳо ва технологияи омода кардани мақолаи илмӣ. Муайян намудани мавзӯъҳо ва жанри мақола ва принсипҳои сохтани он. Омодасозии шарҳи илмӣ ва таҳлилӣ ҳамчун марҳилаи кор бо мақолаи илмӣ.

Нақшаи универсалии мундариҷаи мақолаи илмӣ. Вобастагии жанри мақола ва сохтори он (рӯйхати ҷанбаҳои мундариҷа). Мутобиқати номи мақола ба шакл (жанр) ва мундариҷаи он. Қоидаҳои таҳияи рӯйхати адабиёти истифодашуда барои мақолаҳои дорои хусусиятҳои назариявӣ ва ташреҳӣ. Таҳрири матни мақола. Тақризҳо ва нақдҳо ба матлабҳои илмӣ ва таълимӣ: хусусиятҳои фарқкунанда, талабот ба онҳо. Сохтор ва қоидаи баёни тақризу нақду баррасиҳо.

*Мавзӯи 5.6. Технологияи тайёр кардани тезисҳои маърӯза, баромадҳо*

Тезисҳо ҳамчун баёни мухтасари фикрҳои асосӣ барои матни суханронии омодашаванда ё гузориш мебошад. Моҳияти тасдиқкунандаи тезисҳо. Талабот ба мундариҷа ва шакли пешниҳоди тезисҳо.

Марҳилаҳо ва технологияи омода кардани тезисҳо. Қоидаҳои қолаббандии тезисҳо. Хатоҳои муқаррарии мантиқие, ки ҳангоми навиштани тезисҳо маъмуланд.

Густариши маълумоти дар тезисҳо ҷойдошта, ҳангоми таҳияи маърӯза, баромад. Такрористеҳсоли технологияи омодасозии шарҳи илмӣ ва таҳлилӣ ҳангоми навиштани матнҳои маърӯза, баромад.

Хусусиятҳои нутқи илмии оммавӣ, фарқи он аз нутқи хаттӣ. Хусусиятҳои хоси нутқи оммавӣ. Талабот ба баромади оммавӣ. Истифодаи луғатҳои забонӣ ва маълумотномаҳо ҳангоми омодагӣ ба суханронии оммавӣ.